# **Маърӯзаҳои собиқ Сафири Ҷопон дар Хорватия, ҷаноби Кэйдзи ИДЭ**

31 марти соли 2026 дар Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Тартиботи байналмилалӣ ва дипломатияи Ҷопон» маърӯзаҳо баргузор гардиданд. Маърӯзаро ҷаноби Кэйдзи ИДЭ — дипломати ҷопонӣ бо собиқаи 40-сола, ки фаъолияти кории ӯ 9 соли хизмат дар Русия, 3 сол дар Чин ва мансаби Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Хорватияро дар бар мегирад, ироа намуд. Дар ҳоли ҳозир ӯ ходими калони илмии Форуми байналмилалии Ҷопон ва лектори Донишгоҳи Риккё мебошад.

Дар оғози маърӯзаҳо ҷаноби ИДЭ дар бораи робитаҳои таърихии байни Ҷопон ва Осиёи Марказӣ нақл кард, ки шаҳодати онҳо осори фарҳангии суғдиён (ҳудуди шимоли Тоҷикистони имрӯза) мебошад — онҳо то имрӯз дар хазинаи Сёсоин дар префектураи Нара нигоҳ дошта мешаванд. Инчунин, маърузачӣ рӯйдодҳои калидии таърихиро дар Осиёи Шарқӣ, аз ҷумла нуфузи Чин, ҳуҷуми муғулҳо ба Ҷопон (солҳои 1274 ва 1281) ва ҷанги Русияву Ҷопонро (солҳои 1904–1905) инъикос намуд. Ҳангоми шарҳи ғояҳои фалсафие, ки асоси тартиботи байналмилалиро ташкил медиҳанд, ба консепсияи он, ки қувва танҳо дар сурати такя ба ахлоқ ва ҳуқуқ метавонад муассир бошад, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд. Сипас, лектор принсипҳои дипломатияи Ҷопонро пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ муфассал шарҳ дод.

Дар ҷаласаи субҳирӯзӣ дар Вазорати корҳои хориҷӣ тақрибан 40 дипломат, асосан мутахассисони ҷавон иштирок доштанд. Намояндагони Вазорат таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, оид ба вазъи муосири тартиботи байналмилалӣ, муносибатҳои Ҷопон бо ИМА ва Русия, рақобати иқтисодӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилоти талабот ба энергия саволҳо доданд.










Дар ҷаласаи нисфирӯзӣ дар ДМТ дар маърӯза ҳудуди 70 нафар — асосан устодон ва донишҷӯёни факултети муносибатҳои байналмилалӣ иштирок намуданд. Иштирокчиён фаъолнокии баланд нишон дода, ба маърузачӣ як қатор саволҳои муҳимро оид ба мавқеи Ҷопон дар муносибат бо ИМА дар шароити мураккаби кунунии байналмилалӣ, инчунин сиёсати худмудофиаи миллии Ҷопон дар иҳотаи кишварҳои дорои яроқи ядроӣ пешниҳод карданд. Бонавбат, муносибатҳои дипломатӣ ва лоиҳаҳои ҳамкорӣ байни Ҷопон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ва нақши бунёдии ҳуқуқи байналмилалӣ дар сиёсати муосири ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.








древность
атон: «сила» не есть «добродетель». («Менон»)
лли править силой, а не на основе права, это возможно
же с помощью неправильных методов.
олитика государства является продолжением
дивидуальной этики.
дача выдающегося законодателя состоит в том, чтобы
следовать, каким образом государство, человечество и
бые другие сообщества могут достичь высшей цели —
агой жизни, то есть счастья, которое возможно для
нного сообщества. («Политика»)
онь-цзы: существует проблема в том, чтобы побеждать
отивника лишь «силой».
Платон
427-347
до н.э.
Аристотель
384-322
до н.э.
Сюнь-цзы
313 - 238